# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмии дуюм ба диссертатсияи Нуров Сухроб Рустамович дар мавзӯи «Инъикоси таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и ҳудудҳои Тоҷикистон дар осори профессор О.Б. Боқиев» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 6.1. Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.5. Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ). Душанбе, 2026.**

Дар илми муосири Тоҷикистон омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти илмию педагогии шахсиятҳое, ки дар таҳқиқи таърихи халқи тоҷик саҳми босазо гузоштаанд, муҳиммият касб намуда, дар ҳамин асос дар диссертатсияи мазкур ҳаёт ва фаъолияти илмию педагогӣ ва ҷамъиятии доктори илмҳои таърих, профессор Олуболу Боқиев таҳқиқ гардидааст. Мантиқан дуруст аст, ки профессор Олуболу Боқиевич Боқиев дар рушди илми таърихнигорӣ саҳми калон гузоштааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсия дар мавзуи «Инъикоси таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и ҳудудҳои Тоҷикистон дар осори профессор О.Б. Боқиев» ба ихтисоси 6.1. Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.5. Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) комилан мувофиқат менамояд.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия** аз он иборат аст, ки дар кор бори нахуст мероси илмии профессор Олуболу Боқиев таҳлил гардида, муаллиф саҳми ӯро дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик нишон додааст. Ҳамин тавр, то имрӯз фаъолияти илмӣ-педагогӣ ва таҳқиқотии профессор О.Б. Боқиев дар таърихнигории ватанӣ мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст. Аз ин рӯ, таҳқиқи фаъолияти илмӣ ва назари таърихии ӯ дар таърихнигории ватанӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ аз** омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои мубрами таърихи минтақаҳои Тоҷикистони муосир дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар асоси осори илмии профессор О.Б. Боқиев ба шумор меравад.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқикро** усулҳои умумиилмии таърихӣ ва объективияти илмӣ ташкил медиҳанд. Чунончӣ дар рафти таҳқиқ равишҳои махсуси илмӣ-таърихӣ-биографӣ, проблемавӣ-хронологӣ, муқоисавию таърихӣ, таърихӣ-типологӣ, ретроспективӣ, тавсифӣ, таҳлили таърихнигорӣ дар бар гирифтаанд. Муаллиф, ҳамучунин, дар рафти омода намудани диссертатсия аз равишҳои дигари таҳқиқоти таърихӣ ба монанди: таҳлилӣ-муқоисавӣ, таҳлили нисбияти таърихӣ, омӯзиши далелу санадҳо, азнавсозии таърихӣ-мантиқӣ, муқоиса ва хулосабарорӣ истифода намудааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд** аз он иборат аст, ки он нахустин таҳқиқоти диссертатсионӣ оид ба саҳми профессор О.Б. Боқиев дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик мебошад. Дар диссертатсия назар ва андешаҳои муҳаққиқони мухталиф оид ба масъалаи мазкур ҷамъоварӣ ва таҳлил шудаанд. Нуктаҳои илмие, ки ба дифоъ пешниҳод гардидаанд, илман асоснок мебошанд.

Сохтори диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, хулоса, номгӯйи маъхазҳо ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзуъ асоснок карда шуда, дараҷаи таҳқиқи он, мақсад, вазифаҳо, навовариҳои илмӣ, асосҳои методологӣ, заминаи манбаъвии кор, доираи хронологӣ ва ҷуғрофӣ, предмет ва объект, муқаррароти ба дифоъ пешниҳодшуда, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқ, тасвиб ва амалишавии натиҷаҳои диссертатсия муайян шудааст.

Боби аввали диссертатсия ***«Инъикоси вазъи сиёсӣ ва сохтори маъмурии минтақаҳои муосири Тоҷикистон дар нимаи дуюми асри XIX ва оғози асри XX дар таҳқиқоти О.Б. Боқиев»*** аз ду зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби аввали боби якум ***«Таҳқиқи ҳаёт ва фаъолияти илмии профессор О.Б. Боқиев»*** муаллиф иброз медорад, ки профессор О.Б. Боқиев дар раванди фаъолияти худ саҳми бузургеро дар рушди илми

таърихнигорӣ ва омода намудани кадрҳои илмии Тоҷикистон гузоштааст.

Зербоби дуюм ***«Вазъи сиёсӣ ва сохтори ҳудудию маъмурии манотиқи муосири Тоҷикистон дар нимаи дувуми асри XIX ва ибтидои асри XX дар осори профессор О.Б. Боқиев»,*** ном дошта, диссертант менависад, ки ҳангоми омӯзиш ва тавсифи сохтори сиёсию маъмурии ҳудудҳои муосири Тоҷикистон профессор О. Боқиев зикр намудааст, ки маводи гуногунмазмуни таърихнигории тоинқилобии русро дар хусуси масъалаи мазкур ба се гурӯҳ тақсим намудан мумкин аст: мавод дар хусуси вазъи сиёсӣ ва сохтори идориву маъмурии 1) аморати Бухоро; 2) хонигарии Хӯқанд ва дигар мулкҳои мустақил ва ниммустақили ҳудудҳои муосири Тоҷикистон.

Боби дуюми диссертатсия ***«Таҳқиқи масоили мубрами ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и ҳудудҳои Тоҷикистон дар осори О.Б. Боқиев»*** аз ду зербоб иборат мебошад.

Зербоби якум ***«Инъикоси вазъи хоҷагии деҳоти ҳудудҳои Тоҷикистон дар осори О.Б. Боқиев»*** фарогири баррасии ҳаёти иҷтимоии мардум мебошад. Ба ақидаи диссертант профессор О.Б. Боқиев дар хусуси масъалаи мазкур, пеш аз ҳама, ба осори муаррихони тоинқилобии рус ва таърихнигорони шоҳиди давр такя намудааст. Дар осори О. Б. Боқиев чор шакли заминдории нишондодаи муаррихон тоинқилобии рус шарҳу тавзеҳи худро ёфтааст.

Дар зербоби дуюм ***«Омӯзиши вазъи саноат, ҳунармандӣ ва муносибатҳои тиҷоратии манотиқи Тоҷикистон»*** сатҳи инъикоси вазъи саноат, ҳунармандӣ ва тиҷорат дар таҳқиқоти профессор О.Б. Боқиев таҳлил гардидааст.

Боби сеюми диссертатсия ***«Бозтоби масъалаи забти ҳудудҳои Тоҷикистони Шимолӣ ва Помир аз тарафи Русияи подшоҳӣ дар таҳқиқоти профессор О.Б. Боқиев»*** номгузорӣ шуда, ба ду зербоб ҷудо

шудааст. Дар зербоби аввали он ***«Бозтоби раванди забти ҳудудҳои Тоҷикистони шимолӣ аз тарафи Русияи подшоҳӣ дар таҳқиқоти профессор О.Б. Боқиев»*** хусусияти хоси сиёсати истилогаронаи Русияи подшоҳӣ дар минтақа баррасӣ гардидааст. Диссертант иброз менамояд, ки масъалаи забт ва ҳамроҳ гардидани ҳудудҳои Тоҷикистони муосир аз тарафи Россия дар таҳқиқоти профессор О. Боқиев ҷойгоҳи хос дошта, ҳанӯз аз нимаи дувуми солҳои 60-уми асри гузашта дар маркази диққати ӯ қарор дошт.

Дар зербоби дуюми боби сеюм ***"Инъикоси масъалаи ҳамроҳшавӣ ва забти ҳудудҳои Помир, аз тарафи Русияи подшоҳӣ дар таҳқиқоти профессор О.Б. Боқиев"*** мавзуи вобаста ба сиёсати Россия ва Британия ба миён омадани "Масъалаи Помир" ва инъикоси он дар осори профессор О. Боқиев мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст.

**Дар хулосаи диссертатсия** натиҷаи асосии таҳқиқ ва пешниҳоду тавсияҳои муаллиф нишон дода шудаанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Хулосаҳо ва тавсияҳое, ки унвонҷӯ овардааст, дар асоси маъхазҳо ва адабиёти илмӣ буда, онҳо муайян менамоянд, ки диссертатсия натиҷаи таҳқиқи муаллиф ба ҳисоб рафта, андешаҳои илмӣ, коркарди назариявию методологӣ мустақилона баён ва иҷро шудаанд. Нуктаҳои илмӣ ва хулосаву тавсияҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо принсипҳои таҳқиқотии илми таърих мувофиқ ва хислати навгонӣ доранд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия** аз он иборат аст, ки дар асоси таҳқиқоти эмпирикӣ ва таҳлилӣ, фикру андешаҳои диссертант оид ба ҷанбаҳои муҳимми фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ ва мероси илмии профессор Олуболу Боқиев барои муҳокимаи васеъ пешниҳод мегарданд, ки барои таҳқикоти оянда дар самти омӯзиши таърихи халқи тоҷик хизмат хоҳад кард. Маводи диссертатсия барои олимону муҳаққиқон дар раванди омӯзиши таърихи кишвар хизмат хоҳад кард. Натиҷаи таҳқикро инчунин, дар раванди

таълими фанҳои таърихи халқи тоҷик, маъхазшиносӣ ва таърихнигории таърихи халқи тоҷик ва навиштани асарҳои бунёдӣ оид ба соҳаҳои мазкур, метавон мавриди истифода қарор дод.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Натиҷа ва дастовардҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 4 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 мақола дар дигар нашрияҳо ба табъ расидаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талабот.** Сохтор ва мундариҷаи диссертатсияи унвонҷӯ Нуров Суҳроб Рустамович ба талабот ва меъёрҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ мебошад. Мазмуни автореферат бо диссертатсия комилан мувофиқ мебошад.

Дар баробари муваффақиятҳо диссертатсияи Нуров Суҳроб Рустамович аз камбудию норасоиҳои ҷузъӣ холӣ нест. Аз ҷумла:

1. Муаллиф дар бахши методологияи таҳқиқот истифода кардани усули ретроспективӣ зикр кардааст, вале аз матни диссертатсия бармеояд, ки унвонҷӯ моҳияти ин усулро пурра дарк накардааст. Ҳамчунин, дар ин бахш аз усули таърихӣ-муқоисавӣ зикр шудааст, аммо маълум нест, ки назару хулосаҳои илмии профессор Олуболу Боқиев бештар бо назару хулосаҳои кадом муаррихони ҳамзамонаш муқоиса шудааст.
2. Муаллиф қайд мекунад, ки дар навиштани диссертатсия аз маводу ҳуҷҷатҳои фондҳои бойгонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ ва аз сабти суҳбатҳо бо ҳамкорону пайвандони олим истифода бурдааст. Аммо дар матни асосии диссертатсия истинодҳои дақиқ (такя) ба ин манобеъ ба чашм намерасанд.
3. Зербобидуюми боби аввали диссертатсия *«Вазъи сиёсӣ ва сохтори ҳудудию маъмурии манотиқи муосири Тоҷикистон дар нимаи дувуми*

*асри XIX ва ибтидои асри XX дар осори профессор О.Б. Боқиев"* бе хулосаю фикри ниҳоии диссертант ҷамъбаст гардидааст.

4. Дар диссертатсия хатогиҳои имлоӣ, техникӣ ва услубӣ низ ба назар мерасанд.

Аммо эродҳо хусусияти тавсиявию зудислоҳшаванда дошта, қимати илмии диссертатсияро кам намегардонанд. Муаллиф ҳангоми навиштани диссертатсия мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотии худро иҷро кардааст.

**Хулоса,** диссертатсияи унвонҷӯ Нуров Суҳроб Рустамович дар мавзӯи ***«Инъикоси таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и ҳудудҳои Тоҷикистон дар осори профессор О.Б. Боқиев»*** ба талаботи бандҳои 31, 33 – 35 -и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023, № 295 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 6.1. Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.5. Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**мудири кафедраи таърихи**
**халқи тоҷики ДДОТ ба номи С. Айнӣ**
**номзади илмҳои таърих,**
**дотсент** **Сайнак Парпишоевич Сайнаков**

Адрес: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рудакӣ,121
Телефон: +(992) 934162099
Элпочта: saynakov2012@mail.ru

**Тасдиқ менамоям:**
**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДОТ**
**ба номи С. Айнӣ** **Сайвалӣ Қодирзода**

**“22” 06 2026**